# ҲИНДУҲО ДАР ОСОРИ САДРИДДИН АЙНӢ

Дар авохири асри XIX дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна дар баробараи мардумони бумии он - тоҷикон - бо амри тақдир ва сабабҳои гуногун ақвоми дигари Шарқ умр ба сар мебурданд. Миёни онҳо иронихо, туркҳо, тоторҳо, арабҳо, афғонҳо, ҳиндуҳо ва дигар тоифа ақвомро метавон дид, ки бо мардуми тоҷик паҳлӯи ҳам зиста, як ҷо барои ба даст овардани қути ло ямут дар як замин кору фаъолият мекарданд.

Дар осори шоиру нависандагони муосири тоҷик ба нудрат дида мешавад, ки онҳо аз таърих, эътиқод, тарзи ҳаёт, фаъолият ва урфу одати ин қавмиятҳои муҳоҷир маълумот дода, дар осори хеш таҷрибаи ҳаёт, симои зоҳирӣ, рафтору кирдор ва ҳатто забону гӯйишҳои онҳоро, ки дар муҳити тоҷикӣ аз он истифода мекунанд, таҷассум карда бошанд.

Яке аз нависандагони маъруфи тоҷик, ки дар осори ӯ перомуни миллатҳои гуногуни сокини Осиёи Миёна маълумоти ҷолиб ироа шудааст, ин сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ мебошад. Айнӣ инсонест, ки аз мактаби бузурги зиндагӣ гузашта, донишҳои анъанавии ниёгонро омӯхта, дорои ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқ гашта, ва борикбину нуктасанҷ мебошад. Ӯ дар баробари тасвири ҳаёти ҳамватанони хеш–тоҷикон,–тавонистааст, ки аз ҳаёту рӯзгори дигар қавмиятҳои сокини Бухоро маълумот диҳад, ки чи тавр онҳо дар фазои иқтисодӣ–иҷтимоӣ ва сиёсии аморати Бухоро дар асри XIX ва аввали асри XX умр ба сар мебурданд. Садриддин Айнӣ дар осори худ бо як диди ҷолиб пайваста аз қавмиятҳои русу ӯзбек, яҳудию араб, ҳиндуҳо ва амсоли онҳо сухан гуфтааст. Ин бахш

аз осори нависандаро то ба ҳол нафаре аз адабиётшиносони ватанӣ ва хориҷӣ наомӯхтааст, ба истиснои соҳиби ин сатрҳо, ки дар ду мақола, яке бо унвони «Арабҳо ва забони арабӣ дар осори Айнӣ»,[1] дигаре «Тасвири ҳиндуҳо дар таълифоти Айнӣ» ба ин мавзуъ расидагӣ карда, дар ин ду мақола мавзуоти гуногунҷанба ва масъалаҳои мубрами зиндагии намояндагони ақвоми Шарқро дар муҳити аморати Бухоро таҷассум ёфтааст.

Дар ин мақола мо тасмим гирифтем, ки ба қадри имкон аз рӯзгор ва зиндагии ҳиндуҳо тасвиротеро нишон диҳем, ки то чи андоза он дар осори ин нависандаи бузурги мо ҷой гирифтааст. Таҷассуми ин ҳаводис маҳз дар Бухоро, ки маркази сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию илмии аморати Бухоро буд, ба миён омадааст.

Дар асари гаронқадри худ «Ёддоштҳо» Садриддин Айнӣ иброз медорад, ки ҳиндуҳо натанҳо дар корвонсароҳое, ки дар Бухоро буданд, умр ба сар мебурданд, балки дар корвонсароҳои Ғиждувон, Вобканд, Қаршӣ ва дигар марказҳои сераҳолии аморати Бухоро зиндагонӣ ва кору фаъолият мекарданд. Дар худи Бухоро се корвонсаро буд, ки ададди зиёди ҳиндуҳо бо шумори сад ва ё саду панҷоҳ нафар дар як ҷо ҳаёт ба сар мебурданд. Ададди бештари ин афрод ба судхӯрӣ машғул буданд. Аввалин ошноии Садриддин Айнӣ бо ҳиндуҳо низ дар солҳои донишҷӯияш дар мадориси Бухоро рух дод. Даврони донишҷӯии худро, ки дар мадрасаи Аминҷон гузаштааст, дар очерке бо номи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» иброз дошта, ҳамзамон аз ҳиндуёни судхӯре, ки дар корвонсарои

[1] Мардони Т.Н. Арабы и арабский язык в произведениях Садриддина Айни // Т. Мардони. Арабско-таджикские литературные связи. История и современность. - Душанбе; Ирфон, 2006. – с. 352-362.

наздики мадраса зиндагӣ мекарданд, сухан гуфтааст.[2]. Дар робита ба ин устод Айнӣ ишора мекунад, ки барои ду боби романи «Дохунда», ки яке бо номи «Қарзи ҳинду» ва дигаре «Ҳиндуи салладор» маҳз дар вақти ошноии наздик бо ҳиндуёни он корвонсаро мавод ҷамъоварӣ кардааст. Садриддин Айнӣ тавонистааст ба зудӣ низоми фаъолияти судхӯронро омӯхта, тарзи додани қарз, шарту талабот, роҳи ситонидани қарз ва табақаи афроди эҳтиёҷманди қарзгирро омӯзад. Судхӯрон бо фоизи баланд маблағи зиёди камбағалону деҳқонони шаҳр ва гирду навоҳии онро хӯрда, ҳоли онҳоро ба танг меоварданд. Бештари қарздорони онҳо аз сафи сарбозони амир буданд, аммо ҳар ки имкони аз ҷои дигар қарз пайдо карданро дошт, ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин судхӯрон муроҷиат намекард.

Афроди муҳтоҷ пули бисёр қарз накарда, ҳудуди аз даҳ то бист танга қарз мегирифтанд. Муҳлати қарзро судхӯрони ҳинду ба чанд ҳафта ҷудо мекарданд, ки ҳудуди якуним ё ду моҳро дарбар мегирифт. Дар ин муддат онҳо якуним ё ду баробари онро меситониданд. Масалан, ҳинду агар ба муҳлати ду моҳ бист танга қарз диҳад, онро сӣ танга қайд намуда, дар асоси рӯзҳои ҳафта онро ба ҳашт қисм ҷудо мекунад. Адои қарз ҳам аз рӯзи ҳамин тақсимот аз ҳафтаи дуюми қарзгирӣ шурӯъ мешавад. Доду гирифти қарз ҷойе сабт намешуд, магар дар хатчӯбҳое, ки дар гардани қарздор овезон мекарданд ва он ҳам нақши китоби сабти қарзро мебозид. Дар он бо ҳуруфу арқоми ҳиндӣ номи қарзгир ва миқдори қарз сабт мешуд.

---

[2] Айнӣ, Садриддин. Куллиёти осор. Дар 15 ҷилд. Ҷ I, с. 35. – Душанбе,1958-2005.

Садриддин Айнӣ раванди ситонидани қарзро аз ҷониби судхӯрон, хело ҷолиб тасвир кардааст. Ҳиндуён то нисфирӯзӣ дар ҳуҷраҳои худ нишаста, сипас ҷомаҳои сиёҳи майданақши худро пӯшида аз рӯи он ҷома як ресмончаи канабиро ба миёнашон баста, ба сарашон ҳам як телпакчаи чорраҳи белабакиро ниҳода, аз хонаҳояшон мебаромаданд. Ин либос бо дастури амир барои шинохт ва фарқ доштанашон аз аҳолии муқимӣ таҳия шуда буд. Сокинон бошанд ҷомаҳои одӣ бо миёнбанди сода ва тоқии чоркунҷа мепӯшиданд. Либоси дастурдодаи амир хоси шахсони ғайримусулмон буда, афроде чун ҳиндиёну яҳудиён онро ба бар мекарданд.

Онҳо хатчӯбҳои қарзиро дар борхалтае зери бағал гирифта, кӯча ба кӯча, бозор ба бозор ва корвонсарой ба корвонсарой давр зада, қарздорони худро ёфта, аз онҳо қарз меситониданд. Ҳамин тавр корашон то бегоҳ тӯл мекашид. Чун ба хона бармегаштанд, аз шарбати худсохтаи масткунанда нӯши ҷон менамуданд. Он шарбат бо забони тоҷикӣ «сабзоб» ном дошта, аз ким кадом алаф тайёр карда мешуд. Ин алаф ба баргаи бангдона шабеҳ буда, онро тар намуда, сипас мекӯбиданд ва оби онро аз докае полонда, ба зарфи оҳанини ҳиндӣ рехта, менӯшиданд. Ба назар менамояд, ки шарбат масткунанда буд, ки судхӯрон аз он нӯшида, миёни ҳам баланд ғалоғула намуда, бо ҳам баҳс мекарданд ва гоҳо ба муштзанӣ ҳам мегузаштанд.[3] Қаҳрамони романи «Дохунда»-и Айнӣ, афсари бечора Ёдгор дар чанги қаболаи яке аз судхӯрон афтидааст, ки он ҳам дар бобҳои «Қарзи ҳинду» ва «Ҳиндуи салладор» тасвир шудааст. Ёдгор дар

---

[3] Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо. Ҷ. 3-4. – Сталинобод, 1955. – с. 50-53. Инчнин нигаред: Айнӣ, Садриддин. Куллиёти осор. Дар 15 ҷилд. Ҷ I, с.55-59. – Душанбе,1958-2005; Айнӣ, Садриддин. Собрание сочинений. В 6-ти томах. На русском языке. Том 5. V,с. 44-45. Бухара.

ҳолати ночорию зарурӣ аз як ҳиндӯи судхӯр бо номи Боймуттӣ қарз гирифта, аммо саривақт онро ба пуррагӣ баргардонида натавонист, дар ин миён Боймуттӣ нобаҳангом вафот кард. Пасон Ёдгор бохабар шуд, ки на Боймуттӣ ва на амалдорони амирӣ боқимондаи қарзро набахшидаанд.[4]

Ёдгор рӯзе дар корвонсарой мардеро бо ҷомаи порчадор ва саллаи сабук бар тан дида, якбора ба тааҷҷуб афтод, чун дар зери бағали ӯ дар борхалтае ҳамон хатчӯбҳои вомӣ буд. Ӯ лаҳзае гумон кард, ки Боймуттӣ дар симои ин марди боҳашамат омада, аз қарздорони худ қарзҳояшро меситонад. Ёдгор пештар ҳеҷ вақт надида буд, ки ҳиндуе бо чунон сиккаву сурат дар Бухоро гашта бошад. Аммо ӯ Ибодуллоҳ махдум–яке аз амалдорони амирӣ будааст,–ки шахси бераҳму бедил буда, ҷамъоварандаи қарзҳо ва танзимгари мероси ҳар фарди мурда буд. Ҳамсоягонаш ӯро чунин муаррифӣ карданд. Ин шахси тамаъҷӯ бештари қарзро ба буҷаи амирӣ ва қисми андакашро ба ҷайби худ меандохт. Касе наметавонист садди роҳи ӯ шавад, зеро агар чунин мекард, ё ба зӯрӣ ва ё бо туҳмат ба зиндон андохта мешуд. Ибодулло бо Ёдгор низ чунин бархурди дағал намуд, ҳоло он ки аз қарзи доштаи Боймуттӣ миқдори андаке монда буд.[5]

Дар робита ба ин Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо» манзараи ҷолиберо тасвир кардааст. Амири Бухоро барои назорати ҳар як ҳиндуи судхӯр як масъулеро вазифадор кардааст, ки ӯро «ясавул» мегуфтанд. Ясавул аз рӯи корҳои ҳиндуён ҷиддӣ назорат бурда, ададu муайяни аскарони амирӣ ва хабарчинҳоро дар ихтиёр дошт, ки бо

---

[4] Айнӣ, Садриддин. Куллиёти осор. Дар 15 ҷилд. Ҷ I, с.191-193 . – Душанбе,1958-2005.
[5] Айнӣ, Садриддин. Куллиёти осор. Дар 15 ҷилд. Ҷ I, с. 191-193. – Душанбе,1958-2005.

диққат онҳоро дунболагирӣ намуда, ҳатто медонистанд, ки кадоме аз судхӯрон чанд миқдор пул доранд ва киҳо аз онҳо қарздоранд ва ё қарз гирифтанианд.

Ясавулҳо ва дигар маъмурони давлатӣ барои ситонидани қарз ба судхӯрон кӯмак менамуданд. Дороии судхӯр ҳам моликияти бучаи амирӣ ҳисобида мешуд. Масалан, агар ҳиндуи судхӯре вафот кунад ва ӯ ягон ворис надошта бошад, ҳамоно маъмурони амирӣ ба дороии ӯ расидагӣ карда, ҳатто қарзҳои бозмондаро чида мегирифтанд. Ясавулҳо бо кӯмаки хабарчинҳояшон то он ҳад аз аҳволи ҳиндуёни судхӯр бохабар буданд, ки аз ҳаҷми тамоми сарвати онҳо дарак доштанд. Гузашта аз ин, аз чанги онҳо ҳиндуи бемор ҳатто фурсат намеёфт, ки пеш аз маргаш тангае аз дороияшро ба ҳамватани худаш бидиҳад. Ана аз ҳамин ҷиҳат амир нисбат ба судхӯрону рафторашон хушмуомила буда, гӯё намедид, ки чи тавр раъияташ аз дасти онҳо азият мекашанд.[6]

Ҳиндуҳое, ки дар Бухоро ва дигар манотиқи он умр ба сар мебурданд, бештари урфу одат ва анъанаҳои худро ҳифз карда буданд. Бо вуҷуди он ки онҳо даҳсолаҳо миёни тоҷикон зиндагӣ мекарданду забони тоҷикиро медонистанд, миёни худ ба забони модариашон суҳбат мекарданд, ки таъсири гӯйишашон ба лаҳни тоҷикияшон мушоҳида мешуд. Чун Боймуттӣ бо Ёдгор ҳарф мезад, дар ҳар калимае, ки ҳарфи пасизабонии «қ» ҳаст чун ҳарфи «к» ва садоноки дарози «о»-ро чун ҳарфи «а» талаффуз мекард.[7] Чунин менамояд, ки масъулони амирӣ ба ҳама кирдори ҳиндуён чашм мепӯшиданд, ҳатто ба

[6] Собрание сочинений. В 6-ти томах. На русском языке. Том 5. V,с. 46. Бухара.
[7] Айнӣ, Садриддин. Куллиёти осор. Дар 15 ҷилд. Ҷ I, с. 191-192. – Душанбе,1958-2005

нӯшидани шарбати мадҳушкунандаю масткунандаи онҳо, ҳол он ки бо чунин кирдор дар он шабу рӯзи Бухоро одам ба зиндон андохта мешуд.

Ҳиндуён баъзе аз маносик ва анъанаҳои динии худро анҷом медоданд. Чи тавре ки Садриддин Айнӣ дар романи «Дохунда» менигорад, Ёдгор замоне ки аз ҳамсояи худ Раҳим хабари марги Боймуттиро шунид, шитобон ба корвонсаройи Аминҷон, ҷое ки ҳиндуён мезистанд, равон шуд. Дар ин вақт ҳиндуёни зиёде, ки аз кор озод буданд, низ ба он ҷо ҷамъ меомаданд. Ёдгор мехост бо чашми худ дурустии хабарро бубинад, аммо ӯ ба чунин манзара рӯ ба рӯ шуд. Дар назди дари корвонсаро кӯдакон чӯб дар даст давон-давон мегуфтанд: «Рам-рам саттӣ, бегуноҳ рафтӣ». Ӯ чун ба дарун ворид шуд, дид, ки дарҳои ҳуҷраҳои ҳундуён баста, аммо худашон дар тан ҷомаҳои сиёҳ бо ресмон бар миён назди дари ҳуҷраи Боймуттӣ рост истодаанд. Ҳар яки он кулоҳи чоркунҷаи бо ранги сурх холкуб шуда ба сар намуда буд, бисёр тозаю озода менамуд. Аммо нафаре аз онҳо ин дафъа зери бағал борхалтаи пур аз чӯбчаҳои бо рақамҳои ҳиндӣ, ки Ёдгор аз диданашон меҳоросид, надошт.

Дар ин лаҳза аз ҳуҷраи Боймуттӣ марди мӯйдарозе берун шуд, ки аз миён поён бо чодаре печонида, қисмати дигари чодар аз китфи рост ба зери бағали китфи чап печ хӯрда буд. Дигар тамоми сару баданаш урён буд. Ҳиндуёни дигар саф ороста, ба ӯ ба нигоҳи эҳтиром менигаристанд. Ӯ каме хомӯш истода ба онҳо нигарист, сипас бо забони ҳинду бо садои паст чизе гуфт. Баъд аз ин ҳамагӣ бо як садо гуфтанд «Рам-рам саттӣ». Пасон марди мӯйдароз аз борхалтае, ки назди дари Боймуттӣ гузошта шуда буд, чӯбчаҳоеро бароварда ба ҳар

ҳинду ду донагӣ дод. Ӯ чизе хонду сипас ҳамчун дирижёр ба онҳо ишора намуд ва онҳо низ чӯбчаҳоро ба ҳам куфта, бо садои баланд «Рам-рам саттӣ» мегуфтанд. Дар ин асно чор тан аз ҳиндуёни мӯйдароз аз ҳуҷраи Боймуттӣ дар дасташон рахте чун нардбон ва болои он чизе дар латтаи сафед печонда баромаданду ба самти дари корвонсарой равон шуданд.[8]

Чи тавре ки ҳамсояи Ёдгор, Раҳим гуфт, марҳум Боймуттиро барои сӯзонидан бурданд, на гӯронидан, ки ин расми онҳо буд.

Дар ин ҷо устод Айнӣ ишора мекунад, ки ҷумлаи «Рам-рам саттӣ» дар тарҷума маънои «Ту аз олам бегуноҳ рафтӣ»-ро дорад ва он ҳамчун дуо барои марҳум хонда мешавад. Аммо ин ҷумла тарзи дурусташ чунин буда, «Рам нам сатияҳе», ки маънои он «Ҳақиқат танҳо Худорост», мебошад.

Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо», романи «Дохунда» ва дигар асарҳояш аз ҳиндуёни Бухоро сухан гуфта, аммо ба чӣ тарз ва аз кадом минтақаи Ҳинд ба аморати Бухоро ворид шудани онҳоро, бо кадом яке аз забонҳои ҳиндуӣ ҳарф заданашон ва ё миёни онҳову ватани аҷдодияшон ягон равобите ҳаст ё на ва амсоли ин масоил чизе маълум накардааст. Гумон аст, ки Айнӣ пеши худ ҳадаф гузошта буд, ки ба чунин саволҳо ҳам посухе пайдо кунад. Аммо сабаби ба Бухоро ва дигар манотиқи Осиёи Миёна омадани ҳиндуҳоро Айнӣ аз забони яке аз қаҳрамонҳои ҳиндуи асараш «Ёддоштҳо», Байарҷӣ, баён кардааст.

Байарҷӣ мисли дигар ҳамватанони судхӯри хеш дар ҳамон корвонсарой зиндагӣ мекард, аммо шуғли ӯ мисли дигар ҳиндӯён судхӯрӣ набуд. Ӯ нисбати ҳамватанони хеш либоси зеботар пӯшида,

---

[8] Айнӣ, Садриддин. Куллиёти осор. Дар 15 ҷилд. Ҷ I, с. 192-194. – Душанбе,1958-2005.

мисли онҳо бӯй надошт. Ба гуфтаи Айнӣ, аз ҳиндуён бӯйи ғализе меомад, бо вуҷуди он ки онҳо ҳамарӯза аз сар то по шустушӯ мекарданд. Мегӯянд, ки онҳо баъди оббозӣ ба баданашон ким-чихел равған мемолиданд.

Байарҷӣ солҳои дароз дар Бухоро зиндагӣ кардааст. Ӯ ба хубӣ ба забони тоҷикӣ ҳарф зада, хондаву навишта ҳам метавонист. Садриддини ҷавон, ки оянда донишҷӯи мадраса шуданӣ буд, зуд-зуд бо ӯ вохӯрда, ҳамсуҳбат мешуд. Дар «Ёддоштҳо» ӯ бо як эҳтиром аз Байарҷӣ ҳарф мезанад: «Ӯ дорои китобҳои бисёре буд, ки миёнашон китобҳои тоҷикӣ кам набуданд, мисли «Гулистони масаррат», «Хизонаи омира» ва девонҳои ашъор. Ин китобҳо дар Ҳинд рӯи чоп омада буданд ва ман онҳоро бори аввал дар ҳуҷраи ӯ дида будам. Ба ҷуз ин ӯ дорои китобҳои зиёди ҳиндӣ буд, ки баъзе дастнавис ва баъзе чопӣ буданд. Байарҷӣ рӯзи дароз дар хона нишаста, ба хондани онҳо машғул мешуд. Ӯ ба ман иҷоза дода буд, ки аз китобҳои тоҷикияш истифода барам. Байарҷӣ судхӯр набуд, балки ба фурӯши сангҳои қиматнок шуғл меварзид. Росташ, ӯ сангҳои қиматнок надошт. Ӯ сангҳои одии рангаро мефурӯхт, ки одатан, онҳоро заргарону мисгарон харидорӣ мекарданд, то аз он зарфҳову ашёи заргарӣ омода кунанд. Аммо Байарҷӣ дар воқеъ сангшинос буд. Ҳамаи сангҳои қиматноке, ки дар Бухоро хариду фурӯш мешуд аз дасти ӯ мегузашт, ки дастмӯзде ҳам аз ин мегирифт. Илова бар ин, сангҳои киматноке, ки ба худи амир мерасид, низ аз назорати ӯ мегузашт».[9]

Ҳангоми вохӯрӣ ва суҳбат Садриддини ҷавон бо шавқ ба суханҳои Байарҷӣ гӯш дода, дар бораи Ҳинд, ахбору ҳаводиси он, тарзи

[9] Собрание сочинений. В 6-ти томах. На русском языке. Том 5. V, с. 45. Бухара.

зиндагии ҳиндуёни одӣ ва ғайраҳо пурсон мешуд. Дар воқеъ, ба гуфтаи худи Айнӣ, ахбори Ҳинд начандон дер аз тариқи тоҷирону сайёҳон ба Бухоро мерасид. Ва ё аз тариқи почта рӯзномаи «Ҳабл ул-матин», ки онро форсизабонони Ҳинд чоп мекарданд, ба Бухоро меомад.[10] Ин рӯзномаро гоҳо дӯсти Айнӣ, шоири ҷавон Муҳаммад Сиддиқи Ҳайрат, низ аз куҷое дастрас карда меовард.[11]

Зикр кардан ба маврид аст, ки ҳиндуҳои дар осори Айнӣ зикршуда, ба Осиёи Миёна ва хосса Бухоро аз зулму ситами англисҳои мустамликадор ва феодалҳои ҳиндӣ фирорӣ шуда омаданд ва умед доштанд, ки дар заминҳои бегона оромиш меёбанд. Аммо дар ин ҷо амир ва дарбориёнаш аз онҳо duздону роҳзан сохта, тавассути онҳо мардуми осудаҳолро тороҷ мекарданд.

Рӯзе Садриддин ба Байарҷӣ мегӯяд, ки тарзи ҳаёти ҳамватанони ту маро ба тааҷҷуб овард, зеро онҳо баъзан нафратовар рафтор мекунанд. Ӯ дар ҷавоб изҳор намуд, ки «чунин афрод дар Ҳинд ҳазорон нафар ҳастанд, ки аз зулми англисҳо азият мебинанд. Ҳазорон нафари дигар ҳамасола аз гуруснагию чиркинӣ мемиранд. Иддае роҳи гурезро пайдо намуда, кӯшиш мекунанд аз ҷойи дигар луқмаи ноне дарёбанд. Ин тоифа аз он зумрае ҳастанд, ки як мақсад доранд: луқмае ёбанду аз бангдонаи худ нӯшанд. Аз рӯзи таваллуд онҳо на тозагӣ, на тарбиятро дида, ҳаёти инсониро ҳам надидаанд. Дар Ҳинд шароите нест, ки онҳо дар бораиояндаашон фикр кунанд. Чун ба Бухоро омаданд, диданд, ки аз ҳама кори осон ин судхӯрӣ аст, пас ба он даст заданд».[12]

---

[10] Айнӣ, Садриддин. Куллиёти осор. Дар 15 ҷилд. Ҷ. I, с. 30. – Душанбе,1958-2005
[11] Айнӣ, Садриддин. Куллиёти осор. Дар 15 ҷилд. Ҷ. I, с. 52. – Душанбе,1958-2005
[12] Собрание сочинений. В 6-ти томах. На русском языке. Том 5. V, с. 46. Бухара.

Ба андешаи Айнӣ Байарҷӣ хулосагирии дурусте анҷом додааст, ки нависандаи ҷавон онро барои оянда дар зеҳн гирифта буд: «Англисҳо гунаҳкоранд; барои Ҳинд онҳо ҷавобгаранд. Барои Бухоро бошад амири Бухоро масъул аст. Агар амир ҳамватанони маро аз судхӯрӣ бозмедошт ва намегузошт, ки камбағалонро ғорат кунанд, ҳароина онҳо ба кори дуруст даст зада, ба ҳаммолию мардикорӣ машғул мешуданд».[13]

Маъонии амиқи ин гуфторро, ки Садриддин Айнӣ ҳанӯз аз овони ҷавонию донишомӯзияш шунида буд, баъдтар ба хубӣ фаҳмид, хусусан, баъди оне ки мардуми Ҳинд дар пайи муборизаҳои миллии озодихоҳӣ мустамликадорони Англисро шикаст дод ва ё шамоли инқилобӣ дар Осиёи Миёна ва Бухоро ҳукумати амириро аз замин решакан кард. Маҳз аз ин баъд Айнӣ ба ҳаводиси Ҳинд таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, воқеаҳои иҷтимоӣ-сиёсии онро дар ҳаёти мардум думболагирӣ менамуд. Гузашта аз ин, бо ашъору навиштаҳои худ дар рӯзномаҳо ба он ҷавоб мегуфт.[14] Аммо ин масъала таҳқиқоти алоҳидаи мустақилро тақозо менамояд.

Ба ҷуз тасвири ҳиндуҳо дар осори устод Садриддин Айнӣ, инчунин метавон дар бораи таърихи дирӯзу имрӯз, фарҳанг ва адабиёти Ҳинд маълумот гирифт, ки он аз муҳаққиқи ботаҷриба, нависандаи бузургу инсонпарвар, муҳандиси рӯҳи инсонӣ ва интернатсионалисти воқеӣ будани ӯ дарак медиҳад.

Халқи тоҷик бо камоли мамнуният ба мардуми Ҳинд эҳтиром мегузорад, зеро онҳоро риштаҳои амиқи мустаҳками дӯстӣ

---

[13] Собрание сочинений. В 6-ти томах. На русском языке. Том 5. V, с. 46. Бухара.

[14] Маниязов А. Ашъори публистикии Айнӣ. – Сталинобод. 1958

мепайвандад. Тоҷикистон дар раванди рушди ҳамкориҳои иқтисодию фарҳангӣ бо Ҳинд қарор дорад. Олимону нависандагон ва шоирони тоҷик анъанаи ба ҷо гузоштаи сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айниро давом дода, бо ашъору достонҳои худ, таҳлилҳо дар корҳои илмию тадқиқотӣ ва тарҷумаҳои осори адабии ҳиндуҳо он алоқаҳоро нигоҳ доштаанд.[15] Бо навиштани китобҳои мисли "Ин аст Ҳиндустон"[16] ҳамватанони худро аз гузашта ва имрӯзи таърихи Ҳинд, вазъи иҷтимоӣ– сиёсӣ ва ҳаёти фарҳангию адабии ин сарзамини куҳанбунёд ошно месозанд.

Тоҷиддин Мардонӣ
сарходими илмии ШШМН

---

[15] Пулатова Шарафбану. Индия в творчестве Мирзо Турсунзаде // Мирзо Турсунзаде и теоретические проблемы современной культуры таджиков. – Душанбе, 2011. – с. 201-219; инчунин нигаред: Раджабов, Хабибулло. Индия глазами поэта – гуманиста // Мирзо Турсунзаде и теоретические проблемы современной культуры таджиков. – Душанбе, 2011, - с. 350-367.

[16] Раджабов, Ҳабибулло. Ин аст Ҳиндустон. – Душанбе, 2008.